Китоби Муқаддас барои кӯдакон пешкаш мекунад



# Осмон, Хонаи Зебои Худо

Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: Lazarus; Alastair Paterson

Адаптатсиякунанда: Sarah S.

Тарҷумон: Christian Lingua

Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org

©2020 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.

Вақте ки Исо дар рӯйи замин зиндагӣ мекард, дар бораи Осмон ба шогирдонаш нақл мекард.



Ӯ он ҷоро “Хонаи Падарам” гуфта меномид ва гуфта буд, ки дар он ҷо бисёр хонаҳои калон ва зебо ҳастанд. Осмон аз ҳар як хонаи заминӣ



дида бузургтар ва зеботар аст.

Исо гуфт: “Ман меравам, то ки барои шумо ҷой тайёр кунам. Ва агар рафта, барои шумо ҷой тайёр созам, боз омада,



шуморо бо Худ мебарам”.  Инак баъд аз зинда шуданаш Исо ба Осмон рафт.



Вақте ки шогирдонаш ба Исо менигаристанд, Ӯ сӯйи осмон бардошта шуда, дар байни абре аз назари шогирдонаш нопадид шуд.



Аз он вақт то инҷониб, масеҳиён ваъдаи Исоро оид ба баргаштану онҳоро ба Осмон бурданаш дар хотир доранд. Исо гуфт, ки баргаштани Ӯ ногаҳон мешавад, вақте ки Ӯро интизор нестанд.



Аммо бо масеҳиёне, ки пеш аз баргаштани Масеҳ мемиранд, чӣ мешавад? Китоби Муқаддас мегӯяд, ки онҳо рост ба назди Исо мераванд, чунки барои масеҳиён аз бадан




берун будан бо Худованд буданро мефаҳмонад.

Дар охири Китоби Муқаддас, китоби Ваҳй ба мо зебогии Осмонро нақл мекунад. Аз ҳама беҳтарин чиз дар бораи Осмон ин аст, ки он хонаи Худо аст. Албатта Худо дар ҳама ҷост, вале тахти Ӯ дар Осмон аст.



Фариштаҳою дигар махлуқоти Осмон Худоро дар он ҷо ҳамду сано мехонанд. Онҳо бо сурудҳои махсус Худоро ҷалол медиҳанд.



Инҷост суханони яке аз он сурудҳое, ки онҳо месароянд: ТУ САЗОВОР ҲАСТӢ, ЗЕРО ТУ ЗАБҲ ШУДӢ ВА БО ХУНИ ХУД МОРО БАРОИ ХУДО АЗ ҲАР …



... ЗАБОН ВА ҚАВМ ВА ҚАБИЛА ХАРИДӢ ВА МОРО ПОДШОҲОН ВА КОҲИНОНИ ХУДОИ МО ГАРДОНДӢ. (Ваҳй 5: 9)



Саҳифаҳои охирини Китоби Муқаддас Осмонро ҳамчун “Ерусалими нав” тасвир мекунад.

Он хеле калон аст



ва бо деворҳои баланд иҳота шудааст.

Девораш аз санги яшмӣ мисли булӯр аст. Ҷавоҳирот ва сангҳои гаронбаҳо пайдевори деворро зеб медиҳанд, ки бо рангҳои зебо



медурахшанд.

# Ҳар як дарвозаи шаҳр аз як марвориди нодир сохта шудааст!





Ин дарвозаҳои бузурги марворидӣ ҳеҷ гоҳ пӯшида намешаванд. Биёед ба онҷо медароем ва мебинем ... ВАҲ-ВАҲ!



Осмон аз дохил боз ҳам зеботар аст. Шаҳр аз тиллои соф ба монанди шишаи тоза сохта шудааст. Ҳатто роҳҳои кӯча аз тилло сохта шудаанд.



Аз тахти Худо дарёи шаффофи зебо бо оби ҳаёт ҷорӣ шуда истодааст.  Дар ҳар ду тарафи дарё дарахти ҳаёт мерӯяд, ки аввал дар боғи Адан буд.



Ин дарахти хеле махсус аст. Он дувоздаҳ намуди меваҳоро дорад ва ҳар намуд дар ҳар моҳ мепазад. Ва баргҳои дарахти ҳаёт барои табобати халқҳо мебошанд.



Барои равшан кардани Осмон офтоб ва моҳ лозим нестанд. Ҷалоли Худо он ҷойро бо нури худ равшан мекунад. Дар он ҷо шаб вуҷуд надорад.



Ҳатто ҳайвонҳо дар осмон дигар хел ҳастанд. Онҳо ҳама ором ва меҳрубонанд. Гургон ва барраҳо якҷоя истода алаф мехӯранд.



Ҳатто шерҳои азим мисли гов алаф мехӯранд. Худованд мегӯяд: “Онҳо дар тамоми кӯҳи муқаддаси Ман на осебу на вайрон хоҳанд кард”.



Вақте ки ба атроф менигарем, мо пай мебарем, ки чӣ чизҳое дар Осмон вуҷуд надоранд:



ҳеч сухани баде ба гӯш намерасад; ...

... ҳеҷ кас ҷанг намекунад ё худпараст нест; ҳеҷ қулфе дар дарвозаҳо нест, зеро дар осмон дуздӣ вуҷуд надорад.



Ҳеҷ дурӯғгӯ, одамкуш, ҷодугар ё дигар одами бад он ҷо нест. Ҳеҷ гуна гуноҳ дар Осмон нест.





Дар Осмон, ки бо Худо ҳастем, ҳеҷ ашке аз чашмамон намерезад. Баъзан, дар ин ҳаёт халқи Худо аз дарду ғам гиря мекунанд. Дар Осмон, Худо тамоми ашкҳоро пок мекунад.

Дар Осмон марг гуфтагӣ чиз нест. Халқи Худо ҳамеша бо Худованд хоҳад буд. Дигар на ғаму андӯҳ, на гиряву нола, на дарду азоб мешавад.



На касалӣ, на ҷудоӣ ва на гӯронӣ мебошад. Дар Осмон ҳар кас хушбахтона дар ҳузури Худо умр ба сар мебарад.



Аз ҳама хубаш он аст, ки Осмон барои писарбачаҳову духтарбачаҳо (ва инчунин барои одамони калон), ки ба Исои Масеҳ имон оварданд ва ба Ӯ ҳамчун ба Хӯҷаини худ итоат мекунанд.



Дар осмон як китобе ба номи Китоби Ҳаёт аст. Он пур аз номҳои одамон аст. Шумо медонед, ки номҳои кӣ дар он ҷо навишта шудаанд? Ҳамаи онҳое, ки ба Исо бовар мекунанд. Оё номи шумо дар он ҷост?



# Сухανони охирин дар Китоби Муқаддас оид ба Осмон – як даъвати зебое аст.






"Рӯҳ ва арӯс мегӯянд: 'Биё!' Ва бигзор касе, ки мешунавад, бигӯяд: 'Биё!' Ва касе ки ташна аст, биёяд. Ва ҳар кӣ бихоҳад, оби ҳаётро бепул бигирад."



Осмон, Хонаи Зебои Худо

Ҳикоя аз Каломи Худо, дар Китоби Муқаддас

Юҳанно 14; 2 Қӯринтиён 5;
Ваҳй 4, 21, 22
ҷойгир шудааст

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад.” Забур 119:130

# Хотима

Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба дохили ту омада дар ту зиндагӣ мекунад ва ту бо Ӯ то абад зиндагӣ мекунӣ.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту
Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ
гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ.
Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда
ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва
гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад
ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам.
Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту
ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту
зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо
сӯҳбат кун! Юҳанно 3:16